**“Тасдиқ мекунам”**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон д.и.и., дотсент
____________ Асрорзода У.С.
«__6__» __________ 2023 с.

# ХУЛОСАИ
## ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Диссертатсияи докторӣ дар мавзӯи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Раҳимов Саидалӣ Холович, соли таваллуд 08.12.1969, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 1993 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин)-ро аз рӯйи ихтисоси “Баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ" хатм намудааст.

Солҳои 1993-1997 дар ҶС «Диловара»-и шаҳри Панҷакент ба ҳайси муҳосиб ва сармуҳосиб кор кардааст.

Солҳои 1997-2008 дар вазифаҳои ассистент, муаллими калони кафедараи «Баҳисобгирии бухгалтерӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият кардааст. Инчунин, солҳои 1999-2008 вазифаи сармуҳосиби Ассотсиатсияи муҳосибон ва аудиторони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ӯхда дошт.

Солҳои 2008-2010 дар вазифаи дотсенти кафедраи «Ҳисобдорӣ, таҳлил ва аудит»-и Донишгоҳи Славянии Руссияву Тоҷикистон кор кардааст.

Солҳои 2010-2016 дар Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар вазифаҳои мудири кафедра ва дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит фаъолият намудааст.

Солҳои 2016-2019 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар вазифаи муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит кор кардааст.

Солҳои 2019-2021 дар вазифаи дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат фаъолият намудааст.

Солҳои 2021-2022 дар вазифаи дотсенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат кор кардааст.

Аз соли 2022 то ҳол дар вазифаи дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон кор мекунад.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Раҳимов С.Х. тули солҳои 2019-2023 унвонҷӯйи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба шумор мерафт. Мавзӯи

диссертатсияи Раҳимов С.Х. дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (имрӯза Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон), аз 29 ноябри соли 2019, протоколи № 5/7.4 тасдиқ шудааст.

Соли 2007 диссертатсия номзадиро дар мавзуи: «Идоракунии хароҷот дар соҳаи хизматрасонии хоҷагии меҳмонхона» (дар маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз руйи ихтисоси 08.00.05 Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо: соҳаи хизмат) дар шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳимоя намудааст (Диплом ДКН № 056376, аз 21 марти соли 2008).

**Мушовири илмӣ:** Низомов С.Ф. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони холис:** Шарифов З.Р.- д.и.и., профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи агарарии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шотемур

Ҷамшедов М. - д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Хоҷаев П.Д. - д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон .

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи докторӣ дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсия дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» ба проблемаҳои актуалии муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсияи илмӣ иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар замони муосир иқтисодиёти дилхоҳ мамлакат рушд карда, нақши сайёҳӣ дар он мавқеъи хоса пайдо мекунад. Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва мунтазам рушдкунандаи хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад, зеро барои ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар нақши муҳим мебозад. Зиёда аз 30 % бозори ҷаҳонии хизматрасонӣ ба сайёҳӣ рост меояд. Дар Ҷумҳурии Точикистон мувофиқи маълумотҳои расмӣ зиёда аз 240 ширкатҳои хизматрасонии сайёҳӣ фаъолият мекунанд.

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 қайд намуданд, ки: “бояд ба масъалаҳои самаранок ва бо сифати баланд татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузории соҳа, идома додани бунёди инфрасохтори сайёҳии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй, баланд бардоштани мавқеи байналмилалии кишвар, ташаккули бренди миллии фарогири имкониятҳои сайёҳӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ, инчунин, таъмини иқтидори кадрии соҳа диққати ҷиддӣ дода шавад”.

Рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ бе иттилоооти баҳисобгирӣ-назоратии эътимоднок, ки барои қабули қарорҳои муносиби идоракунӣ ҳамчун асос мебошад, имконпазир нест.

Фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар ташаккул, пешниҳод ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ нигаронда шудааст. Яке аз самтҳои мураккаби фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ пешниҳоди басти хизматрасониҳо ва фурӯши онҳо тавассути шабакаи фурӯш ба шумор меравад, ки коркарди сиёсати муносиби нархгузориро байни шарикон тақозо мекунад. Танзими муносибатҳои ҳуқуқии байни ширкатҳо ва агентиҳои сайёҳӣ дар асоси пояҳои ҳуқуқии гуногун ба роҳ монда мешавад, ки таркиб ва тартиби гуногуни баҳисобгирии даромад ва харочотро талаб мекунад. Низоми муосири баҳисобгирӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ маълумотҳои баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андозиро фаро мегирад. Ҳоло коркардҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ, инчунин баҳамалоқамандии баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андозӣ дар доираи низоми ягонаи баҳисобгирӣ ба хусусияти ширкатҳои сайёҳӣ мутобиқ карда нашудааст. Ҳолати мазкур аз мубрамии таҳқиқоти амалии дақиқ, ки ба мукамалгардонии назариявӣ ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ шаҳодат медиҳад.

Ихтисос ва номи мавзуи диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» ба шиносномаи ихтисоси (08.00.08-Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мувофиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022, № 631), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷораҳои иловагӣ оид ба амалигардонии СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 3 майи соли 2010, № 231) алоқамандӣ дорад. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** рушди ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва коркарди тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили методикаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаҳои таҳқиқот. Вобаста аз мақсади гузошташуда дар диссертатсия чунин вазифаҳо ҳаллу фасл карда шудаанд:

- таҳқиқи ташаккули асосҳои назариявӣ ва моҳияти иқтисодии категорияи туризм ва мавқеи он дар рушди иқтисодиёт;
- омухтани асосҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти сайёҳӣ ва амсилаҳои умумиҷаҳонии амалкунандаи танзими баҳисобгирӣ ва назорат дар соҳаи сайёҳӣ ;
- таҳлил ва муайян кардани хусусиятҳои хоси ташкилӣ, сохтор ва технологии соҳаи сайёҳӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ;
- муайян кардани муаммоҳои методологии баҳисобгирӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои ҳалли онҳо;

- таснифоти хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ аз рӯйи якчанд аломат вобаста аз хусусияти соҳа;
- таҳқиқоти ҷанбаҳои ташкилӣ ва методии сиёсати баҳисобгирӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ;
- коркарди ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва тартиби муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ;
- асоснок кардани роҳҳои такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ ва иктисодиёти рақамӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ;
- коркарди методикаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ;
- ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии маҳсулоти сайёҳӣ ва коркарди роҳҳои такмилдиҳии баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар ширкатҳои сайёҳӣ.

**Объекти таҳқиқот** таҷрибаи амалкунандаи баҳисобгирӣ ва назоратии дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Ба сифати предмети таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва методӣ-ташкилии баҳисобгирӣ ва назоратии дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ интихоб шудааст.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи таҳқикот ба он асос меёбад, ки ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳо дар партави ҷорӣ намудани усулҳои навтарини дар амалияи хориҷӣ татбиқшудаи баҳисобгирӣ ва назорат, дар асоси пайвастагии муносиби онҳо бо амалияи ватанӣ имкон медиҳад, ки ба муносибати бонизом дар кабули карорҳои идоракунӣ дар муҳити тағйирёбандаи бизнес ноил гардида, ба ислоҳи саривақтии равандҳои амалисозии стратегияи рушди корхонаҳои сайёҳӣ мусоидат мекунад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии намояндагони мактабҳо ва равияҳои гуногун дар соҳаи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил, назорат ва аудит, инчунин натиҷаи таҳқиқотҳои монографӣ ва интишороти илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот ташкил медиҳанд. Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои диалектикии донишҳо оид ба мавзуи таҳқиқот ташкил медиҳанд, ки омӯзиши таҳаввулоти муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳодисаҳоро дар инкишоф ва боҳамалоқамандӣ таъмин мекунанд. Дар кори илмӣ чун анъана усулҳои умумиилмӣ истифода шудаанд, ба монанди, абстраксияи илмӣ, таҳлили мантиқӣ, синтез. Ба сифати усулҳои махсус истифода шудаанд: таърихӣ, системавӣ, комплексӣ, гурӯҳбандӣ, моделронӣ, муқоисавӣ, индексӣ, монографӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Иштироки шахсии докторант дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии рисоланавис ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардидааст.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Сарчашмаҳои маълумотии рисолаи илмиро Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, сайёҳӣ, Фармоишҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, маводи конференсияҳо ва интишорот вобаста ба самти баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ, соҳаи сайёҳӣ, маводи Интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ ташкил намудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2019-2023 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

1.Ташаккули асосҳои назариявӣ ва иқтисодии категорияи туризм таҳқиқ карда шуда, мавқеи он дар рушди иқтисодиёт муайян карда шудааст. Нақши сайёҳӣ дар мамлакатҳои соҳаи сайёҳиашон рушдёфта таҳлил ва баҳодиҳӣ карда шуда, истифодабарии таҷрибаи пешқадами онҳо барои рушди соҳаи сайҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва пешниҳод карда шудаанд. Таркиби субъектҳои соҳаи сайёҳӣ таҳлил ва гуруҳбандӣ, тамоюлҳои асосии рушди сайёҳӣ таҳқиқ карда шуда, истифодабарии самараноки онҳо барои рушди соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд;

2. Дар натиҷаи таҳлили танзими соҳаи сайёҳии мамолики гуногуни ҷаҳон се амсилаҳои амалкунандаи батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, истифодабарии амсилаи якум, ки дар он иштироки бевоситаи давлат дар танзими фаъолияти сайёҳӣ, ки барои мамлакати мо соҳаи афзалиятнок маҳсуб меёбад, ба мақсад мувофиқ ҳисобида шудааст. Исбот карда шудааст, ки батанзимдарории давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо роҳи таъсиррасонӣ барои васеъ намудани бозори сайёҳӣ, амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии мутобиқ мусоидат менамояд;

3. Муқаррар карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки натиҷаҳои молиявии фаъолияти онҳо дар ҳисоботи молиявӣ, барои истифодабарандагони дохилӣ ва берунаи иттилооти молиявӣ дастрас, эътимоднок ва фаҳмо бошад. Вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва таҳлили ҳуҷҷатҳои батанзимдарории меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳияи низомномаи соҳавӣ оиди арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии сайёҳӣ мувофиқи мақсад дониста шуд, ки барои баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, аз ҷумла ба рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд;

4. Дар натиҷаи таҳлили фаъолияти субъектҳои соҳаи сайёҳӣ, вобаста ба самтҳои гуногуни хизматрасонӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ, муаммоҳои методологии баҳисобгирӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шудаанд. Барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, хароҷоти намудҳои гуногуни хизматрасонӣ аз рӯйи якчанд аломат гуруҳбандӣ ва асоснок карда шудааст.

5. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои ташкилӣ ва методии сиёсати баҳисобгирӣ, мутобиқи талаботҳои СБҲМ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ, дар заминаи манбаи иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ, сиёсати баҳисобгирии намунавӣ барои корхонаҳои сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст;

6. Вазъи муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо, хароҷот ва назорати онҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ таҳлил карда шуда, роҳҳои такмили низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ пешниҳод карда шудааст. Ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тартиби баҳисобгирии даромад ва хароҷот ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст;

7. Хусусиятҳои объектҳои назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ амсилаи ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод шудааст. Методикаи амалкунандаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ таҳлил карда шуда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ вазифаҳо, марҳилаҳои асосӣ, давраҳои назоратӣ муайян карда шуда, методикаи назорати дохилии даромад, хароҷот ва натиҷаи фаъолияти корхонаи сайёҳӣ коркард шудааст;

8. Дар асоси таҳқиқ ва омузиши фаъолияти амалии пешбурди низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, таснифоти даромадҳо ва хароҷот аз рӯи намуди фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, роҳҳои такмили низоми мавчудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, даромадҳо ва хароҷот, тибқи талаботҳои СБҲМ ва мутобиқнамоии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба равандҳои иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод карда шудааст;

9. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, низоми идоракунии корхонаҳои сайёҳӣ ба ҷорӣ намудан ва истифодабарии низоми самараноки назорати дохилӣ ҳавасманд мебошад. Тасдиқ карда шуд, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси корхонаҳои сайёҳӣ, низоми назорат мутобиқи сохтори ташкилии субъектҳои соҳаи сайёҳӣ низоми бисёрсатҳаи назоратӣ ташкил карда шавад, ки ҷавобгарии фардии роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва кормандонро пешбинӣ менамояд;

10. Вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ ва гуногунҷабҳагии самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, самтҳои мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат, амсилаи назорати дохилӣ, баҳисобгирии хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст. Низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии маҳсулоти сайёҳӣ муайян карда шуда, низоми буҷетикунонӣ коркард карда шудааст, ки дар корхонаҳои сайёҳӣ амалӣ намудани он муҳим ва натиҷабахш мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Дар дисссертатсия тавсияҳои назариявӣ-методологӣ ва амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудаанд, ки ба рушди ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои назариявӣ метавонанад дар низоми таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ, методика ва тавсияҳои

пешниҳодгардида ҳангоми мукамалгардонии заминаҳои меъёрии баҳисобгирӣ ва назорат аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар амалияи ташкилотҳои аудиторӣ-консалтингӣ, ширкатҳои сайёҳӣ истифода карда шаванд.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович - «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» ба барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.08-Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, мувофиқат мекунад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Вобаста ба мавзуи диссертатсионии «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» Раҳимов Саидалӣ Холович 2 монографияи илмӣ, 58 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 38,25 ҷузъи чопӣ (аз муаллиф – 35,0 ҷ.ч.), аз он ҷумла 18-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромаданд, ки пурра муҳтавои диссертатсия ва автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

**Апробатсия ва ҷори намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва чумхуриявии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, Институти ҷамъиятии муҳосибон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон зимни таълими фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар корхонаҳои саноати сайёҳӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Назорати молиявӣ», «Омори сайёҳӣ», «Иқтисодиёти сайёҳӣ» ва «Менеҷменти сайёҳӣ» (маълумотномаи № 01/665 аз 20.10.2023 сол) ва дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии молиявӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаҳо», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи хизматрасонӣ», «Таҳлили иқтисодӣ» (маълумотномаи №543 аз 23.10.2023 сол) истифода карда мешавад.

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои истифодабарӣ дар фаъолияти амалии ширкатҳои сайёҳии ҶДММ "Корвон Саёҳат" (санади №40 аз 16.10.2023сол), ҶДММ "Ширкати сайёҳии Расул тур" (маълумотномаи №7/3 аз 21.10.2023сол), ҶДММ "Ориент Адвентур" (санади №53 аз 14.10.2023сол), қабул карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Муҳаққиқ дар заминаи таҳлили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ барои такмил додани раванди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ тавсияҳо пешниҳод кардааст. Саҳми шахсии муаллиф аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои

сайёҳӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳа иборат мебошад. Дар заминаи ҷамъбастнамоиҳои назариявӣ, таҳлил ва пешниҳоди тавсияҳо методологияи баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ кор карда баромада шудааст. Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳкикоти дисертатсиониро метавон ҳангоми коркардабароии мукаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба мукамалгардонии заминаҳои меъёрӣ-ҳукукии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

## РУЙХАТИ ИНТИШОРОТИ РАҲИМОВ САИДАЛӢ ХОЛОВИЧ

**А) Монография:**

[1-М] Рахимов С.Х. Управление затратами в гостиничном хозяйстве. Монография [Текст] / С.Х. Рахимов // Душанбе: “Ирфон”. – 2007. – 104 с.

[2-М] Раҳимов С.Х. Ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ: назария ва амалия. Монография [Матн] / С.Х. Раҳимов // Душанбе: “Ирфон”. – 2023. – 254 с.

**Б) Маколаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои такризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[3-М]. Рахимов, С.Х. Основные направления развития высшего образования в сфере туризма в Республики Таджикистан [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник педагогического ниверситета имени С.Айни. Серия естественных наук.. – 2019. - № 1-2. – С. 86-90

[4-М]. Рахимов, С.Х. Состояние и перспективы развития международного туризма в современных условиях [Текст] / Ф.С.Обидов, С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. - № 3 (28). – С. 198-204

[5-М]. Раҳимов, С.Х. Хусусиятҳои хадамоти меҳмонхонадорӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов, З.З.Ғуломова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. - № 4 (29). – С. 225-232

[6-М]. Раҳимов, С.Х. Идоракунии самараноки соҳаи меҳмонхонадорӣ дар самти хизматрасонӣ ба сайёҳон [Матн] / С.Х. Раҳимов // Маҷаллаи илмии “Кишоварз”, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. – 2019. - № 4 (85). – С. 225-232

[7-М]. Раҳимов, С.Х. Мавкеи тиҷорати меҳмонхонадорӣ дар низоми соҳаи сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов // Маҷаллаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон “Идоракунии давлатӣ” – 2019. - № 4 (44). – С. 153-157

[8-М]. Рахимов, С.Х. Оценка влияния глобализации на внедрение инновационных технологий в индустрии гостеприимства [Текст] / С.Х. Рахимов, Б.Х.Каримов. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции.– 2020. - № 1 (30). – С. 117-123

[9-М]. Рахимов, С.Х. Организация бухгалтерского учета деятельности предприятий туристического бизнеса [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник

Таджикского государственного университета коммерции.– 2020. - № 1 (30). – С. 55-161

[10-М]. Рахимов, С.Х. Учетная политика на предприятиях туристической отрасли для целей бухгалтерского учета [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук..– 2020. - № 8. – С. 22-28

[11-М]. Рахимов, С.Х. Идентификация объектов внутреннего контроля на туристических предприятиях [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук..– 2020. - № 9. – С. 123-128

[12-М]. Рахимов, С.Х.Кластерная модель организации туристического бизнеса в современных условиях [Текст] / С.Х. Рахимов // Теоретический и научно – практический журнал Таджикского аграрного университета. «Кишоварз».– 2021. - № 1 (90). – С. 155-162

[13-М]. Раҳимов, С.Х. Накши туризм дар рушди хадамоти меҳмонхонаҳо [Матн] / С.Х. Раҳимов, З.З. Ғуломова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. - № 3 (37). – С. 165-170

[14-М]. Рахимов, С.Х. Особенности инноваций в туризме [Текст] / С.Х. Рахимов, У.Т. Саломова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. - № 1 (40). – С. 206-211

[15-М]. Рахимов, С.Х. Оценка качества комплексного туристского продукта [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. - № 1 (40). – С. 244-248

[16-М]. Рахимов, С.Х. Совершенствование управления затратами туристских компаний [Текст] / С.Х. Рахимов // Теоретический и научно – практический журнал Таджикского аграрного университета. «Кишоварз». – 2022. - № 1 (94). – С. 108-112

[17-М]. Рахимов, С.Х. Учетно-аналитическое обеспечение организации туристической деятельности [Текст] / С.Х. Рахимов // Научно-теоретический журнал «Вестник ТҒУПБП», Серия общественных наук. – 2022. - № 2 (91). – С. 93-100

[18-М]. Рахимов, С.Х. Особенности предложения туристского продукта в условиях использовании информационных технологий [Текст] / С.Х. Рахимов // Журнал “Экономика Таджикистана” Института экономики и демографии Национльной Академии наук РТ. – 2022. - № 2. – С. 158-163

[19-М]. Рахимов, С.Х.Совершенствование учета и контроля для измерения туристских услуг [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. - № 2 (41). – С. 126-132

[20-М]. Рахимов, С.Х. Особенности учета формирования операционных расходов [Текст] / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. - № 2-2 (47). – С. 117-127.

**В) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

[21-М]. Раҳимов, С.Х. Мавкеи низоми назорати дохилӣ дар идоракунии соҳаи меҳмонхонадорӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Ҷавонон дар шароити

ҷаҳонишавии илм ва таълим / Маводи Анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалӣ ч. 2 (Панҷакент,13-14 феврали 2017). – Панҷакент: ДОТ дар ш. Панҷакент , 2017. – 400 с., с. 45-50

[22-М]. Рахимов, С.Х. Гостиничное хозяйство в системе индустрии туризма [Текст] / С.Х. Раҳимов / Актуальные проблемы учета, анализа и эффективного использования финансово-кредитных ресурсов в АПК / Сборник научных статьей Таджикского аграрного университета (Душанбе, 2018). – Душанбе: ТАУ им. Ш.Шотемур, 2018. –352с., с. 47-50

[23-М]. Раҳимов, С.Х. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷот дар туризм [Матн] / С.Х. Раҳимов, Ф.М. Оқилов. / Равандҳои муосири муносибатҳои пулию қарзӣ ва таъсири онҳо ба иқтисодиёт / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (Душанбе,15 феврали 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 360 с., с. 246-249

[24-М]. Раҳимов, С.Х. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар хизматрасонии сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Актуальные проблемы учета, анализа и аудита в АПК / Сборник научных статьей Таджикского аграрного университета (г. Душанбе, 2020). – Душанбе: ТАУ им. Ш.Шотемур, 2020. – -- 378с., с. 121-135

[25-М]. Рахимов, С.Х. Особенности учета доходов и расходов туристической деятельности [Текст] / С.Х. Рахимов / Рушди фанҳои дақиқ-омили муҳими таъмини саноатикунонии босуръат дар Ҷумхурии Тоҷикистон/ Маводи конфронси донишкадавии илмӣ-назариявии устодону донишҷуён (Душанбе, 23-24 апрели 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 400 с., с. 47-52

[26-М]. Рахимов, С.Х. Совершенствование управления расходов туристических предприятий [Текст] / С.Х. Рахимов / Бухгалтерский учет, анализ и аудит в условиях глобализации экономики / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 28 марта 2020). – Душанбе: ИТПС, 2020. – 252 с., с. 174-179

[27-М]. Рахимов, С.Х. Особенности учета и контроля на предприятиях туризма [Текст] / С.Х. Рахимов /Бухгалтерский учет, анализ и аудит в условиях глобализации экономики / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 28 марта 2020). – Душанбе: ИТПС, 2020. – 252 с., с. 17-20

[28-М]. Раҳимов, С.Х. Организация контрольно-аналитических процессов бухгалтерского учета в условиях автоматизированной системы обработки информации [Текст] / С.Х. Рахимов / Региональная интеграция как фактор производственного предпринимательства в Республике Таджикистан / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 31 октября 2020). – Душанбе: ИПС, 2020. – 198с., с. 135-140

[29-М]. Раҳимов, С.Х. Накши низоми иттилоотии идоракунӣ дар туризм [Матн] / С.Х. Раҳимов / Региональная интеграция как фактор производственного предпринимательства в Республике Таджикистан / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 31 октября 2020). – Душанбе: ИПС, 2020. – 400 с., с. 140-143

[30-М]. Раҳимов, С.Х. Мушкилоти таҳлили иқтисодӣ дар корхонаҳо [Текст] / С.Х. Раҳимов / Актуальные проблемы теории и практики

бухгалтерского учета, анализа и аудита / Материалы VIII международной научно-практической конференции (Душанбе, 27-28 ноябри 2020). – Душанбе: ОИПБиАРТ, 2020. – 420 с., с. 63-65

[31-М]. Раҳимов, С.Х. Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Такмили муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дар рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 7 декабри 2020). – Душанбе: ДССХ, 2020. – 322 с., с. 311-131

[32-М]. Рахимов, С.Х. Совершенствование системы внутреннего контроля на предприятиях туристической деятельности [Текст] / С.Х. Рахимов / Современное состояние и перспективы развития бухгалтерского учета, анализа и аудита в республике таджикистан / Материалы республиканской научно-практической конференции (Душанбе, 27 марти 2021). – Душанбе: ИТПС, 2021. – 324с., с. 29-33

[33-М]. Рахимов, С.Х. Особенности формирования туристического продукта [Текст] / С.Х. Рахимов / Истиқлолияти давлатӣ: асоси бунёдии таҳким ва рушди давлатдории миллӣ / Маводи конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 8 майи 2021). – Душанбе: ДССХ, 2021. – с. 74-81

[34-М]. Рахимов, С.Х. Проблемы управления качеством туристических услуг [Текст] / С.Х. Рахимов, К.И. Изатов / Проблемаҳо ва дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинги муосир дар саноати сайёҳӣ / Маводи конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 18 декабри 2021). – Душанбе: ДССХ, 2021. – 368с. 169-171

[35-М]. Рахимов, С.Х. Основные направления формирования рынка туристических услуг [Текст] / С.Х. Рахимов / Проблемаҳо ва дурнамои рушди менеҷмент ва маркетинги муосир дар саноати сайёҳӣ / Маводи конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 18 декабри 2021). – Душанбе: ДССХ, 2021. – 368 с., с. 187-193

[36-М]. Рахимов, С.Х. Туристический продукт как основной элемент обеспечения конкурентоспособности туристско-рекреационного кластера [Текст] / С.Х. Рахимов, К.И. Изатов / Танзими иқтисодӣ-ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ / Маводи конфронси илмӣ - амалии чумҳуриявӣ (Душанбе, 29 январи 2022). – Душанбе: ДССХ, 2022. – 402-с., с. 64-72

[37-М]. Рахимов, С.Х. Методические основы контроля деятельности туристских предприятий [Текст] / С.Х. Рахимов /Танзими иқтисодӣ-ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ / Маводи конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 29 январи 2022). – Душанбе: ДССХ, 2022. – 402 с., с. 96-104

[38-М]. Раҳимов, С.Х. Таъсири рақамикунонӣ ба рушди соҳаи сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 26 марти 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022. – 276с., с. 207-211

[39-М]. Рахимов, С.Х. Интернет-технологии в туристском менеджменте [Текст] / С.Х. Рахимов, К.И.Изатов / Основные направления обеспечения

ускоренной индустриализации экономики в контексте стратегических целей Республики Таджикистан / Материалы научно-теоретической конференции преподователей и студентов университета (г. Душанбе, 29-30 апреля 2022). – Душанбе: МУТПТ, 2022. – 679 с., с. 285-289

[40-М]. Рахимов, С.Х. Учет в условиях цифровой экономики [Текст] / С.Х. Рахимов / Иктисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иктисодиёти ракамӣ / Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иктисодӣ, профессор Уроқов Д.У (Қисми 2), (Душанбе, 21-23 майи 2022). – Душанбе: ДМТ, 2022. – 400 с., с. 213-217

[41-М]. Рахимов, С.Х. МСФО в туризме [Текст] / С.Х. Рахимов / Совершенствование финансово-кредитных отношений как основа реализации четвертой национальной цели - ускоренной индустриализации страны / Материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 28 мая 2022). – Душанбе: МУТПТ, 2022. с77-80

[42-М]. Рахимов, С.Х. Пандемия COVID-19 и глобальный туризм [Текст] / С.Х. Рахимов / Совершенствование финансово-кредитных отношений как основа реализации четвертой национальной цели - ускоренной индустриализации страны / Материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 28 мая 2022). – Душанбе: МУТПТ, 2022. – 300 с., с.213-217

[43-М]. Рахимов, С.Х. Основные факторы развития рынка туристских услуг [Текст] / С.Х. Рахимов / Антикризисное государственное регулирование реального сектора экономики Республики Таджикистан в условиях ускоренной индустриализации страны / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 26 сентября 2022). – Душанбе: МУТПТ, 2022. – 234 с., с.148-154

[44-М]. Рахимов, С.Х. Особенности ценообразования на рынке туристских услуг [Текст] / С.Х. Рахимов, К.И.Изатов / Антикризисное государственное регулирование реального сектора экономики Республики Таджикистан в условиях ускоренной индустриализации страны / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 26 сентября 2022). – Душанбе: МУТПТ, 2022. – 234 с., с.154-157

[45-М]. Рахимов, С.Х. Управление логистической деятельностью туристских компаний [Текст] / С.Х. Рахимов / Роль и статус инновационного менеджмента в укреплениии развитии индустриализации страны/ Материалы республиканской научно-практической конференции(г. Душанбе, 28 октября 2022). – Душанбе: МУТПТ, 2022. – 244с., с.162-167

[46-М]. Рахимов, С.Х. Основные направления управления туристской деятельности в Республики Таджикистан [Текст] / С.Х. Рахимов / Стратегические направления развития инновационного предпринимательства в условиях глобализации/ Материалы международной научно-практической конференции (г. Душанбе, 25 ноября 2022). – Душанбе: МУТПТ, 2022. – 602с., с.567-570

[47-М]. Раҳимов, С.Х. Аҳамияти низоми иттилоотии идоракунӣ дар соҳаи сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов, Н. Каримов / Самаранокии идоракунии давлатӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ (ш.Душанбе, 25-26 ноябри соли 2022) – Душанбе: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. с.118-123

[48-М]. Рахимов, С.Х. Внедрение автоматизированных информационных систем учета и анализа в туризме [Текст] / С.Х. Рахимов / Информационно-коммуникационные технологии - важный фактор развития в современном мире / Материалы республиканской научно - практической конференции (ш. Душанбе, 10-уми декабри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022.- 268с., с.72-76

[49-М]. Раҳимов, С.Х. Ташаккули сохтори ташкилии идоракунӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов, Ф.А. Марипова / Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ - омили муҳими рушд дар ҷаҳони муосир / Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 10-уми декабри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022.- 268с., с.221-225

[50-М]. Рахимов, С.Х. Потенциал и перспективы развития агро и экотуризма в Республики Таджикистан [Текст] / С.Х. Рахимов / Накши Тоҷикистон дар ҳалли масоили муосири экологӣ бо ҳадафи рушди устувор ва таъмини амнияти экологӣ / Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 17-уми декабри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022.- 228с., с.100-106

[51-М]. Рахимов, С.Х. Аудит в туризме и туристской деятельности [Текст] / С.Х. Рахимов, Р.У. Рустамов / Накши Тоҷикистон дар ҳалли масоили муосири экологӣ бо ҳадафи рушди устувор ва таъмини амнияти экологӣ / Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумхуриявӣ (ш. Душанбе, 17-уми декабри соли 2022). – Душанбе: ДБССТ, 2022.- 228с., с.111-115

[52-М]. Рахимов, С.Х. Маркетинговые расходы туристических предприятий: учетный аспект [Текст] / С.Х. Рахимов / Актуальные вопросы бухгалтерского учета, анализа иаудита в современных условиях/ Материалы республиканской научно-практической конференции (ш. Душанбе, 28-уми марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023.- 275с., с.40-44

[53-М]. Рахимов, С.Х. Анализ эффективности туристической деятельности [Текст] / С.Х. Рахимов, М.А. Рахимов / Актуальные вопросы бухгалтерского учета, анализа и аудита в современных условиях/ Материалы республиканской научно-практической конференции(ш. Душанбе, 28-уми марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023.- 275с., с.155-158

[54-М]. Рахимов, С.Х. Бухгалтерский учет и отчетность субъектов туристической деятельности как база для контроля и анализа [Текст] / С.Х. Рахимов / Накши сайёҳӣ ва соҳибкорӣ дар раванди амалисозии ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конфронси илмӣ-назариявии донишгоҳӣ (ш. Душанбе, 21-22-уми апрели соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023.- 228с., с.111-115

[55-М]. Раҳимов, С.Х. Фаъолияти экологӣ дар низоми баҳисобгирии корхона [Матн] / С.Х. Раҳимов, З.З. Ғуломова, Ш.Ҷ. Ализода / Тоҷикистон

ташаббускори масоили обу иқлим ва ҳифзи пиряххо, бахшида ба эълон гардидани соли 2025 " "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо"./Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 28 апрели соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – 372с., с.64-67

[56-М]. Рахимов, С.Х. Захираҳои рекреатсионии обӣ ва таъсири он ба корхонаи сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Рахимов, Ш.Ҷ. Ализода / Тоҷикистон ташаббускори масоили обу иқлим ва ҳифзи пиряххо, бахшида ба эълон гардидани соли 2025 " "Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо"./Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 28 апрели соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – 372с., с.369-372

[57-М]. Раҳимов, С.Х. Методикаи ташкили ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаи сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Масъалаҳои мубрами низоми молиявӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Хуҷанд, 3 майи соли 2023). – Хуҷанд: СИ Файзибоев М.М. "Меъроҷ", 2023. – 200 с.,. с.118-124

[58-М]. Раҳимов, С.Х. Нақши технологияҳои инноватсионӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Тамоюлҳои муосири байналмилалишавӣ ва масъалаҳои таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ. / Маҷмӯаи маводи конфронси байналмилалии илмӣ- амалӣ. (ш. Душанбе, 27-уми майи соли 2023). Душанбе: ДБССТ, 2023- 311 с., с.126-129

[59-М]. Рахимов, С.Х. Место контроля в управлении туристической деятельностью [Текст] / С.Х. Рахимов / Государственное управление процессом внедрения цифровых технологий в отраслях промышленности в условиях ускоренной индустриализации экономики Республики Таджикистан / Материалы республиканской научно-практической конференции (г. Душанбе, 29 сентября 2023года). Душанбе: МУТПТ, 2023- 278 с., с.73-76.

[60-М]. Раҳимов, С.Х. Хизматрасонии меҳмонхонаҳо ҳамчун як намуди маҳсулоти сайёҳӣ [Матн] / С.Х. Раҳимов / Мушкилот ва дурнамои рушди иқтисодиёт ва менеҷмент дар Тоҷикистони муосир /Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш.Душанбе, 31-уми октябри соли 2023); Душанбе, ДБССТ, 2023- 300с., с.173-177

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, шунидани тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодй, профессор Низомов С.Ф., баромади муқарризони холис - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷамшедов М., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хоҷаев П.Д., маҷлиси васеъи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба дандҳои 31, 32, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад;

2. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд;

3. Диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ» аз руйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардоштиислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 - и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 24 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 24 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 4 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

- "тарафдор" –24 нафар
- "зид" – нест
- "бетараф" - нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2023, протоколи № 3/1, қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
**мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ**
**ва аудити ДБССТ**
**н.и.и., дотсент** ______________ **Бобоев А.М.**

**Котиби ҷаласа:**
**коргузори кафедраи баҳисобгирии**
**муҳосибй ва аудити ДБССТ** ______________ **Холикова Ҷ.М.**

Имзоҳои Бобоев А.М. ва Холиқова Ҷ.М.– ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи**
**байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон** ______________ **Ҷураев Ш.Н.**